*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 43 (4783) | ДУШАНБЕ, 8 АПРЕЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ВАН СЯОХУН



**Панҷуми апрели соли 2024 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон узви Шурои давлатӣ, вазири амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван Сяохунро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар ҷараёни мулоқот масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар доираи муносибатҳои дуҷониба ва дар арсаи минтақавию байналмилалӣ баррасӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рушди самараноки муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманд миёни ҳар ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карда, таъкид намуданд, ки дар пайи талошҳои пайгиронаи ҷонибҳо робитаҳои ҳар ду кишвар ба сатҳи баланд расида, дар чаҳорчӯбаи шарикии стратегии ҳамаҷониба ба таври рӯзафзун густариш меёбанд.

Масъалаҳои мубориза бо таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ, аз қабили терроризм, ифротгароӣ, зуҳуроти тундгароӣ, ҷудоихоҳӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва киберҷиноятҳо, аз мавзуъҳои мубрами мулоқот буданд.

Зарур шуморида шуд, ки сохторҳои дахлдори ҳар ду кишвар, бо дарназардошти вазъи ноороми байналмилалӣ ва зарурати таъмини сулҳу субот, ҳамоҳангӣ ва ҳамкориҳои амалии худро тақвият бахшанд.

Дар идомаи суҳбат вазъи ҷории Афғонистон ва таъсири он ба минтақа мавриди мубодилаи афкори ҷонибҳо қарор гирифт.

**www.prezident.tj**

## ИҚДОМҲОЕ, КИ БОИСИ ПАЙРАВИАНД

**Имсол, дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар пойтахти мамлакат «Соли маърифати экологӣ» эълон гардидааст, ки ин тадбир аз ҷумлаи иқдомҳои созанда маҳсуб меёбад. Ҳадаф аз он баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ, тозаю озода нигоҳ доштани муҳити зист, ҳифзи арзишҳои гуногуни экологӣ ва таъмини амнияти экологӣ мебошад. Амалӣ гаштани ин нияти нек аз масъулиятшиносию ғамхории ҳар як шаҳрванди пойтахт вобаста аст. Дар қарор қайд шудааст, ки: «Бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе 900 рӯзи ободонӣ амалӣ карда шавад».**



Бо иқдоми Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо мақсади беҳтаршавии муҳити экологӣ ва ҳифзи муҳити зист тадбирҳои муассир амалӣ мегарданд. Чунончи, ба наздикӣ дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе боз як теъдод электробусҳои тамғаи «Акиа Неру» пайдо шуданд, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол шудааст. Раиси шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ дастур додаанд, ки ширкатҳои мусофирбарии пойтахт пурра ба низоми нақлиёти барқӣ гузаронда шаванд. Истифодаи васеъ аз электробусҳо ва дигар намуди нақлиёти барқӣ имкон медиҳад, ки хориҷ ва паҳн гардидани газҳои гулхонаӣ кам ва тозагии ҳаво таъмин карда шавад.

Агар шаҳрвандон ба ҷои мошини сабукрави шахсиашон ҳар чӣ бештар аз нақлиёти ҷамъиятӣ истифода баранд, танбашавии роҳҳо низ хеле кам мешавад. Дар ин бобат кишварҳои гуногун баҳри ҳифзи муҳити зист аз ифлосшавии нақлиётӣ чораю тадбирҳои ҷиддӣ меандешанд. Ба наздикӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иқдоми фаъолони экологиро дар бораи дар шаҳри Тошканд ҳар моҳ баргузории «Як рӯзи бемошин» дастгирӣ кард. Ин иқдом бо мақсади тозагии муҳити атрофи пойтахти мамлакат роҳандозӣ гардид ва дар моддаи 27-и фармони Президенти ин мамлакат «Дар бораи барномаи давлатӣ оид ба ҷорӣ кардани стратегияи «Ӯзбекистон-2030» дарҷ гардидааст. Маҳдудкунии теъдоди мошинҳо ба нақлиёти ҷамъиятӣ, махсус ва умури фавқулода дахл надорад. Дар ин рӯз, тавре дар ҳуҷҷат қайд мешавад, масъулон ба дигарон ибрат нишон дода, ба ҷойи корашон бояд бо нақлиёти ҷамъиятӣ биёянд. Барои пешгирии ифлосшавии ҳаво аз 1 марти соли ҷорӣ дар соатҳои сермошинӣ ҳаракати нақлиёти боркаш ва гаронвазн ( зиёда аз 10 тонна) манъ карда шуд.

Алҳол марҳилаи нави созандагӣ дар шаҳри Душанбе оғоз гардидааст. Тавре иттилоъ дода будем, 23-юми феврали соли 2024 ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ лоиҳаҳои навсозӣ ва ободонии минбаъдаи як қатор кӯчаю хиёбонҳо ва маҳаллаҳои пойтахт муаррифӣ гардид. Тибқи ин лоиҳаҳо, дар баробари бунёди иншооти соҳаи маишӣ, фароғатию дилхушӣ, хонаҳои истиқоматӣ сарсабзу кабудизоркунии маҳалу хиёбонҳо низ ба нақша гирифта шудааст. Шинонидани дарахтони ҳамешабзу зебо, гулу буттаҳои ороишӣ ба ҳифзи муҳити зист ва амнияти экологии шаҳр мусоидат менамояд. Дар ин радиф ба роҳ мондани истифодаи ҳар чӣ бештари нақлиёти барқӣ бо мақсади кам кардани зарари нақлиёт дар назар дошта шудааст.

Душанбе қалби Тоҷикистон, маркази илму фарҳанг ва боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонист ва бояд иқдомҳои шоистаро ҷонибдорӣ карда, дар рушду нумӯи он саҳмгузорӣ намоем. Барои баланд бардоштани маърифати экологӣ дар боғчаю таълимгоҳҳои миёнаи умумӣ ва олӣ бояд мунтазам дарсҳои махсус роҳандозӣ шаванд. Ба ин восита дар қалби наврасону ҷавонон ҳисси ғамхорӣ нисбат ба табиат ва муҳити атроф бедор мегардад.

Калонсолонро низ зарур аст, ки ба тарбияи маърифатии насли наврас ҳамеша таваҷҷуҳ намоянд, пеш аз ҳама, худ намунаи ибрат бошанду фарзандонро насиҳат кунанд, ки нисбат ба неъматҳои табиат, тозагии обу ҳаво ва ҷонварону наботот ғамхорӣ зоҳир намоянд.

Ташкили озмунҳои экологӣ аз ҷониби вазорату идораҳои марбута ба тарғиби донишҳои экологӣ ва инъикоси васеи мавзуи экологӣ мусоидат менамояд. Дар воситаҳои ахбори омма, бахусус шабакаҳои телевизионӣ, таҳияи барномаҳои экологӣ бо наворҳои ҷолиб ташкил карда, роҷеъ ба ҳайвонот, табиати зебои кишвар, иқдомҳои башардӯстона дар ин самт филмҳои ҳуҷҷатӣ ва ҳунариро пешкаш намоянд.

Дар тарбияи экологии насли наврас оила нақши муҳим мебозад. Маҳз, дар оила тасаввуроти аввалини кӯдак дар бораи муҳити атроф, обу дарахтон, растанию ҳайвонот пайдо мешавад. Бинобар ин, падару модарон ва дигар калонсолони оила ба ин паҳлуи тарбияи фарзандон бояд таваҷҷуҳ кунанд ва дар ниҳоди онҳо нисбати мавҷудоти табиат ва обу ҳаво ҳисси ғамхорию меҳрубониро бедор намоянд.

Соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» қабул гардид, ки принсипҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва иқтисодии сиёсати давлатиро дар соҳаи маърифати экологии аҳолӣ ба танзим медарорад. Дар моддаи 1-и қонуни мазкур қайд шудааст, ки мақсади асосии ин санади меъёрии ҳуқуқӣ фаро гирифтани шаҳрвандон ва аҳли ҷомеа бо донишҳои умумии экологӣ, мусоидат намудан ба ташаккули тарбия ва фарҳанги экологӣ, созгории таъсири мутақобилаи инсон, аҳли ҷомеа ва муҳити зист, ташаккули шахси ҳаматарафа инкишофёфта мебошад. Татбиқи ин қонун ва амалӣ гардидани иқдомҳои зикршуда ба баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва ҳифзу беҳтар шудани муҳити атроф ва боз ҳам сарсабзию хуррамии пойтахти ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе мусоидат менамояд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

### Ҳамовозӣ ба мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар

**Ҳар гоҳе ки зиндагиномаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро варақгардон мекунам, гузаштаи начандон дури кишвар пеши рӯ меояд ва ба ӯ аҳсан мехонам. Таҳсин мегӯям, ки бо вуҷуди корҳои давлатӣ, мушкилоти иқтисодию садҳои дигар фурсат меёбанду ба тарбияи инсони комил машғул мешаванд. Бо суханҳои пур аз меҳр, андарзҳои оқилона тамоми мардумро ба роҳи рост, худшиносии миллӣ, созандагию ободкорӣ раҳнамоӣ мекунанд.**

## МАКТАБИ БУЗУРГИ ТАРБИЯ

Насли калонсол хуб огоҳанд, ки даврони барқарории ҳукумати шуравӣ ватандӯстӣ маънии дигар дошт ва талоши идеологҳои он даврон «ба ҳамназдикшавии миллатҳо ва гул-гулшукуфии онҳо» буд. Дар натиҷа анъанаҳои миллии қавму миллатҳо коҳиш ёфт. Ҳунарҳои мардумӣ қариб, ки аз байн рафт. Ҳатто забони тоҷикӣ то ҷое мавқеашро аз даст дод. Кам роҳбаре пайдо мешуд, ки бо забони модарӣ ҳарф мезаду аз тоҷик будан ифтихор мекард. Ӯ танҳо дар он маврид мутахассиси боистеъдод ва арзанда ба шумор мерафт, ки забони русиро хуб донад, андешаашро бо ҳамон забон изҳор карда тавонад.

Истиқлолият ба рӯи мардуми ҷумҳурӣ дари нав боз кард. Агар ба ҷои Пешвои миллат шахси дигаре мебуд, бегумону шубҳа ормонҳои чандинасра ҷомаи амал намепӯшид. Ӯ Тоҷикистони пора-пораро ба ҳам оварду руфӯ кард. Аз манфиати давлатдорӣ гуфту аз ягонагӣ. Тоҷикистонро аз вартаи ҳалок наҷот доду миллатро аз нобудӣ. Имрӯз ҳар куҷое тоҷике ҳаст, бо ифтихор аз хокдони бобоӣ ёд мекунад. Тоҷикистон хонаи умеди тоҷикони дунё гардид. Ҷаҳониён кишвари моро эътироф мекунанду сухани Пешвои маҳбуби миллатро қадр. Магар аз ин бахти бузургтаре ҳаст?

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҷодкори ҷомеаи навини тоҷикон аст. Ҷомеае, ки бегонагон бо ҳасад ба он менигаранд ва бидуни ихтиёр лаб ба таҳсин мекушоянд. Ӯ устоди устодони мактаби бузурги тарбия аст.

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишварро гаштаю баргашта гӯш мекунаму бовариам баояндаи дурахшони кишварамон зиёдтар мешавад. Ҷаҳони имрӯза миёни обу оташ қарор дорад ва бешубҳа, он миллате оянда аз ин варта наҷот меёбад, ки ҳидоятгару раҳнамои оқил дорад. Имрӯзҳо душманони миллати мо ба ҳар васила талош доранд, ки ба миллати соҳибтамаддун зарбаи мудҳиш зананд. Ҳастанд ҷавонони ноогоҳ, ки аз содагӣ ба доми фиреби душманони миллат афтода, дар муқобили миллату давлати соҳибистиқлолу соҳибфарҳанг корҳои зиштро анҷом медиҳанд. Ҳамин нуктаи муҳимро ба назар гирифта Президенти мамлакат гуфтанд: «Имрӯз мехоҳам доир ба равандҳое, ки дар ҷаҳони муосир идома доранд, аз ҷумла бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва монанди инҳо, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, инчунин, таъсири онҳо ба ҷомеа ва давлати мо ибрози андеша намоям».



Ба андешаи банда, агар онҳое, ки худро амонатдори Паёмбари ислом ва олими шариат медонанд, аз суханронии пурмуҳтавои Пешвои миллат ҳамагӣ сӣ фоизро донанду тибқи он амал намоянд, мафкураи сокинони кишварамон ба куллӣ тағйир хоҳад ёфт. Дар китобе хонда будам, ки аъмоли неку рафтори нек беҳтарин хислати бандаи мусалмон аст. Корҳои хайри ӯ дар ин дунё дар охират ба хишти тиллоӣ мубаддал хоҳад шуд. Рӯза, намозу ҳаҷ инҳо фарз аст, ки адои он барои мусалмонон муҳим аст, вале кори нек, ки савобаш дучанд аст, ба ихтиёри бандагон гузошта шудааст. Яъне, агар мо ин дунёро обод кунем, дар охират низ ба макони ободу зебо ва мақоми арзандаи инсони ҳақиқӣ соҳиб хоҳем шуд.

Даврони наврасии мо дар деҳа Мулло Исо ном шахсе мезист. Тақрибан ҳафтодсола буд. Калонсолон мегуфтанд, ки даврони ҷавонӣ 15 сол дар шаҳри Бухоро илм омӯхтааст. Мулло Исо колхозчии номдор буду бо барзагов замин шудгор мекард. Дар ғалладаравӣ ҳамеша пешқадам буд. Намози аср ба масҷиди деҳа меомад. Хатиби масҷид буд. Субҳи барвақт баъди адои намоз сари замин мерафт. Дар корҳои ҷамъиятӣ пеш аз ҳама ҳозир буд. Мухлисону муридон мегуфтанд, ки «муллогиатро кун, ба ҷоят мо кор мекунем». Розӣ намешуд. Мегуфт, илми омӯхтаи ман барои охират аст, аммо барои таъмини рӯзгор бояд чун дигарон заҳмат кашам. Нонамро ҳалол кунам. Шӯхиомез байти машҳури Хоҷа Ҳофизро мехонд:

**«Ҳофизо, май хӯру риндӣ куну хуш бош, вале**
**Доми тазвир мафиган чун дагарон Қуръонро».**

Баъдтар медидем ашхосеро, ки яктаҳи дароз дар бар бо кибру ғурур меомаданд ба чойхонаи деҳа. На ба ҳар кас салом медоданд. Боло гузашта менишастанд ва ба касе сухан намедоданд. Панду андарз мегуфтанд, вале ба гуфтаи хеш амал намекарданд. Барои хатми Қуръон беибо аз корафтодагон пул мегирифтанд. Ба ёд намеоварданд, ки онҳо мусибатзадаанду ба дастгирӣ ниёз доранд.

Мулло Исоро бо муллоҳои имрӯзаамон муқоиса мекунам. Бояд муллоҳо мисли Мулло Исои раҳматӣ мардумро ба корҳои созандагӣ ва бунёдкорӣ ҳидоят кунанд, то баракати ҳар ду оламро пайдо намоянд.

Ҳамин ҳидоятҳои созандаю рӯҳбахши Сарвари давлатамон сабаб шуд, ки садҳо тан аз соҳибкорони ватандӯсту боору номус паҳлуи ин абармард пайи ободӣ камари ҳиммат бастанд. Онҳо хуб дарк карданд, ки маҳз, пайравӣ ба фарзонамарди миллат метавонад, барояшон саодати ду дунёро насиб гардонад. Ин нукта бори дигар аз ҷониби Пешвои миллат чунин баён гардид: «Мехоҳам хотирнишон намоям, ки дар натиҷаи дарки арзишҳои миллӣ ва фарҳангу ахлоқи ҳамидаи мардумамон тайи беш аз сӣ соли соҳибистиқлолии кишварамон ҳазорон нафар соҳибкорону тоҷирон, шахсони саховатпеша ва афроди бонангу номуси ҷомеа сиёсати инсондӯстонаи иҷтимоии давлату Ҳукуматро дастгирӣ карда, бисёр иқдомоти савобу созандаро анҷом доданд».

Ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро гаравидани ҷавонони мо барои миллати соҳибтамаддуни тоҷик на танҳо хатар эҷод мекунад, балки ба обрӯ ва эҳтироми миллат латма мезанад. Ҷавонони миллате, ки ҳафтод пушт пайрави мазҳаби Имоми Аъзам буданд, наметавонанд ба ин осонӣ ба мазҳабҳое пайравӣ кунанд, ки боиси бадномии кишварамон гардад. Дар ин ҷода бояд масъулияти падару модар бештар гардад. Ҷавонони ноогоҳ чун аз марзи Тоҷикистон берун мераванд, ба осонӣ ба доми исломситезон меафтанд. Бояд падару модар пайваста бо фарзандон дар иртибот бошанд ва панду насиҳаташон бигӯянд. Нагузоранд, ки фарзандон ҷони худро дар хатар монанду муқобили хешу ақрабо дандон тез кунанд. Ҳамчунин, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифадоранд, ки дар дарсҳои тарбиявӣ бештар ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Дар ҳар қадам зарур аст бо сокинони кишвар суҳбатҳо доир кард. Чунонки Пешвои маҳбуби миллат дастур доданд: «Яъне, вақти он расидааст, ки мо бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлубу хатарнок, аз ҷумла ифротгароию терроризм, сарҷамъона мубориза барем ва дар кишвар волоияти қонунро таъмин намоем».

Ба андешаи мо, суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мактаби бузурги тарбия аст ва зарур мешуморем, ки он ҳар рӯз дар байни сокинони кишвар бо забони сода, бо мисолҳо фаҳмонда шавад. Дар баробари ин, ҳар фарди солимақл бояд хуб дарк намояд, ки маҳз, волоияти қонун метавонад ҷомеаро аз пешомадҳои ногувор наҷот диҳад. Имрӯз сокинони кишварамон ба тарбияи маънавӣ бештар ниёз доранд ва танҳо суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон метавонад дар ҳалли ин масъалаи муҳим ба мо мадад намояд.

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

# ДАР ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳаштуми апрели соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома дар бораи савдои озоди хизматрасониҳо, таъсис, фаъолият ва сармоягузорӣ», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи шартҳои сохтмон, таъсис ва фаъолияти Маркази таълимии байналмилалӣ барои кӯдакони болаёқат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба шартҳои сохтмон ва фаъолияти Муассисаи давлатии «Театри давлатии драмавии русии ба номи В.Маяковский» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкории ҳарбӣ-молиявӣ» ва «Дар хусуси Протокол оид ба амалӣ кардани кумаки молиявӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Масъалаҳо «Дар хусуси Созишнома оид ба пешниҳоди кафолат байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Барқарорсозии НБО - и Қайроққум», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2008, №1146», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2008, №1147», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2019, №1476» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2010, №1545» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.

Ҳамчунин, масъала «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 зикр гардидаанд» баррасӣ гардида, вобаста ба он Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# МУЛОҚОТИ МАВСУМА МУИНӢ БО АРТУРВАН ДИЗЕН

**Панҷуми апрели соли 2024 муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ бо роҳбари Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Артурван Дизен мулоқот намуд.**



Зимни мулоқот таъкид шуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналмилалию минтақавӣ, бахусус Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

- Ҳамкориҳои мо тавассути як қатор барномаҳо дар самтҳои мухталиф дар солҳои охир дар асоси уҳдадориҳои байналмилалӣ, аз қабили Ҳадафҳои рушди устувор, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», аз ҷумла афзалиятҳои Ҳукумати Тоҷикистон ва ЮНИСЕФ, амалӣ карда мешавад, - таъкид намуд Мавсума Муинӣ.

Номбурда, ҳамчунин, гуфт, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар такмилу таҳияи қонунгузории миллӣ ба хотири ҳифзи кӯдак, риояи ҳуқуқу озодии онҳо, саломатии кӯдакону наврасон, фаъолгардонии онҳо дар раванди дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ фаъол буда, пайваста таҷрибаи дигар кишварҳоро дар ин самт мавриди омӯзиш қарор медиҳанд.

- Мехоҳам вобаста ба саҳми арзандаи кумаки дафтари ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон барои иҷрои уҳдадорӣ дар таъмини ваксинаҳои COVID-19 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми COVAX дар вазъияти хеле вазнин ва зимни мубориза бо вирус, ҳамчунин, ҷараёни бозгардонии шаҳрвандони мо, бахусус кӯдакон, аз кишварҳои Ховари Миёна, дастгирии техникӣ ва ҷалби равоншиносон изҳори миннатдорӣ намоям, - гуфт дар фарҷом М. Муинӣ.

Дар ҷараёни мулоқот, ҳамчунин, густариши минбаъдаи муносибатҳо дар доираи Хазинаи кӯдакони СММ баррасӣ шуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМОҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

10 апрел – Рӯзи Қӯшунҳои дохилӣ

# АВВАЛИН СОХТОРИ ҲАРБИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**Оромию осоиштагии Ватани азизи мо бар ивази ҷоннисорӣ, матонату шуҷоат ва иродаи қавии ҳазорон сарсупурдаи роҳи озодию истиқлол - хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомӣ, аз ҷумла Қӯшунҳои дохилӣ, ба даст омадааст. Аз ин лиҳоз, ёдоварӣ ва арҷгузории қаҳрамонии онҳо қарзи виҷдон ва рисолати инсонии мо ба ҳисоб меравад**



Ин навъи қӯшун яке аз сохторҳои калидии Вазорати корҳои дохилӣ ба ҳисоб рафта, саҳми онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар омилҳои халалдоркунандаи ҳаёти осоиштаи мардум назаррас мебошад.

Қӯшунҳои зикршуда аввалин сохтори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб мешавад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи қисми ҳарбии 3505-и Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: «Қӯшунҳои дохилӣ баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар шароити ниҳоят душвору мураккаб ҳамчун аввалин сохтори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуданд».

Далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ афсарону сарбозони Қӯшунҳои дохилӣ қарзи ватандории худро содиқатмандона иҷро карда, маҳорати баланди касбиву ҷангӣ нишон доданд. Муҳимтар аз ҳама, ҳайати шахсии Қӯшунҳои дохилӣ ҳангоми амалиёти махсус оид ба безараргардонии гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ пешсафу ҷоннисор буданд.

Мутаассифона, дар мубориза бар зидди ҷинояткорон ва ба хотири таъмини сулҳу субот дар кишвар садҳо сарбозу афсарони Қӯшунҳои дохилӣ ҷони худро қурбон кардаанд, ки хотираи неки онҳо ҳаргиз аз ёдҳо фаромӯш намегардад. Қобили зикр аст, ки дар радифи иҷрои вазифаҳои хизматии рӯзмарра саҳми Қӯшунҳои дохилӣ дар тақвияти амнияти сарҳади давлатӣ низ назаррас буда, онҳо дар ҳамкорӣ бо Қӯшунҳои сарҳадӣ дар ҳимояи сарҳади давлатӣ саҳми бориз доранд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ то имрӯз якҷо бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ барои таъмини суботу оромӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, волоияти қонун, мубориза бо ҷинояткорӣ ва пешгирӣ кардани ҳама гуна қонунвайронкуниҳо содиқона ва ҷавонмардона хизмат карда истодаанд.

Ҳаводиси ҷаҳони муосир собит намуданд, ки терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳо, бахусус, солҳои охир барои аҳли башар, аз ҷумла минтақаи мо, ба таҳдиди ҷиддӣ табдил ёфтаанд. Хатари дигари ҷиддие, ки метавонад оромиву суботи ҷомеаи моро халалдор созад, шомилшавии баъзе ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, ҳайати шахсии сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Қӯшунҳои дохилӣ, дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои зикршуда ва кӯшишҳои халалдор сохтани вазъи муътадили ҷомеа ҳамеша ҳушёру омода буда, дар ин раванд ба баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии худ эътибори ҷиддӣ ва доимӣ зоҳир менамоянд.

Бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҳкими асосҳои моддию техникии ин сохтори бонуфуз, ба хизмат ҷалб кардани кормандони баландихтисос ва содиқ ба давлату миллат, беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва хизматии ҳайати Қӯшунҳои дохилӣ ибтикори зиёд амалӣ гардида, ин раванд бардавом аст. Қобили зикр аст, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат то имрӯз барои мақомоти корҳои дохилӣ 400 иншооту биноҳои нав сохта ба истифода дода шудаанд. Ташкили шароити мусоид барои пешбурди хизмат омили асосии таъмини омодабошии ҷангии воҳидҳои ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Ба ин мақсад дар зарфи 10 соли охир дар қисмҳои ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ якчанд иншооту биноҳои нав бунёд гардида, қисмҳои ҳарбӣ аз таъмири асосӣ бароварда шудаанд.

Афсарону сарбозони далеру ҷасури Қӯшунҳои дохилӣ дар назди наслҳои имрӯза ва ояндаи Ватан барои ҳимояи соҳибихтиёрӣ масъул буда, эътимод ба онҳо бениҳоят қавӣ аст. Тавре, Президенти мамлакат, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буданд, мо, сокинони кишвар, ба қудрату тавоноӣ, далерию мардонагӣ ва садоқату вафодории хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомӣ, аз ҷумла Қӯшунҳои дохилӣ, ба давлату миллат ва сарзамини муқаддасамон итминони комил дорем.

Рӯзи Қӯшунҳои дохилӣ муборак, ҳомиёни тартиботи ҷамъиятӣ ва марзу буми Ватан!

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# ВОХӮРИИ ВАКИЛОНИ ПАРЛУМОНИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКМАНИСТОН

**Панҷуми апрели соли 2024 дар доираи сафари расмии Пешвои миллии халқи туркман - Раиси Халқ Маслиҳатии Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов ба Тоҷикистон мулоқоти раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода ва раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагон, раиси Гурӯҳи дӯстии Маҷлиси намояндагон бо парлумони Туркманистон Муҳаммадраҳим Юсуфӣ бо раиси Кумитаи Маҷлиси Туркманистон оид ба кор бо мақомоти намояндагии маҳаллӣ Мақсадбердӣ Қурбонов ва раиси Кумитаи Маҷлиси Туркманистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Гуванчмират Агаев баргузор гардид.**







Дар мулоқот вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Туркманистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, таъкид гардид, ки ҷониби Тоҷикистон ба рушду густариши бештари муносибатҳо бо Ҷумҳурии Туркманистон, аз ҷумла таҳкиму тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМОҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

2024 – «Соли маърифати ҳуқуқӣ»

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ - АСОСИ ҶОМЕАИ МУТАМАДДИН

**Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991, мутаассифона, роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурии мо фурсати мусоиди муттаҳид кардани мардум ва ободу мутараққӣ намудани кишварро аз даст доданду мамлакат ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд.**

Хушбахтона, дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакилон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шурои Олӣ интихоб намуданд. Дар ин иҷлосия Сарвари тозаинтихоби давлат омодагии худро барои таъмини сулҳ, сарҷамъии миллат, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ иброз доштанд. Ин иродаи неки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон умеди мардуми азияткашидаи ҷумҳуриро ба ояндаи шукуфону дурахшон афзун гардонид.

Маҳз, дар ҳамон иҷлосия бо мақсади таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи конститутсионӣ таъсис дода шуд. Баъди ба муҳокимаи умум гузоштани лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6-уми ноябри соли 1994 ин санади муҳим бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси нақши Конститутсия дар пешрафти мамлакат чунин иброз доштанд: «Конститутсия ҳамчун бахтномаи миллат ва санади бунёдии сиёсӣ роҳи минбаъдаи пешрафту тараққиёти давлати озоду демократии моро муайян менамояд. Воқеан, Конститутсия дар рушду тараққиёти давлат ва ҷомеа нақши муассир мебозад ва асос барои инкишофи тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ мегардад».

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи асосиро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Аз се як ҳиссаи он (аз моддаи 14 то 47) ба масъалаи мазкур бахшида шуда, баёнгари пуштибонии амиқи давлат аз манфиатҳои шаҳрвандонаш мебошад.

Як бахши мустақили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро дар Конститутсия ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ (моддаҳои 27, 28, 29, 30, 31) ташкил медиҳанд, ки дар маҷмӯъ, барои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ мусоидат менамояд.

Мувофиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ менамояд. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ба ҳисоб меравад.

Дар моддаи 41 ҳуқуқ ба таҳсил баён шудааст. Мутобиқи он давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ бигирад. Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид (аз 2 марти соли 1992) аксар санадҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро ба тасвиб расонидааст. Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон (соли 1993), Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (1993), Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (соли 1995), Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (соли 1999), Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1999) ва Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаи онҳо (2022) аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2007 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таъсиси мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро сариваქтӣ шуморида, чунин иброз намуданд: «Бо мақсади густариши минбаъдаи раванди демократикунонии ҷомеа, инчунин, баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи инсон дар мамлакатамон вақти ҳалли масъалаи таъсис додани институти миллии Ваколатдори ҳуқуқи инсон расидааст. Ин сохтор ҳамчун яке аз институтҳои демократӣ бояд робита ва ҳамкории мақомоти давлатиро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ боз ҳам тақвият диҳад. Зарур аст, ки барои таъсиси чунин сохтор тадбирҳои ташкиливу ҳуқуқӣ андешида шаванд».

Баҳри амалӣ намудани ин иқдом 27-уми майи соли 2009 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъйин гардид.

Ҳамин тавр, аз соли 2009 дар ҷумҳурӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият менамояд, ки воситаҳои мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар сатҳи миллӣ пурра мегардонад. Ниҳоди мазкур соли 2012 дар Осиёи Марказӣ яке аз аввалинҳо шуда ба гирифтани мақоми «В», ки аз ҷониби Кумитаи байналмилалии ҳамоҳангсозии муассисаҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон дода мешавад, ноил гардид.

Ин ниҳод мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони мансабдори онҳо, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон таъсис дода шудааст.

Дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс ва ғайра, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардону занон баробарҳуқуқанд.

Имрӯз ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари мо сулҳу амният ва волоияти қонун пойдор аст. Аз ҷониби Сарвари давлат «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шудани соли 2024 басо сариваქтист, зеро боло рафтани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар бунёди ҷомеаи пешрафтаю адолатпарвар нақши муҳим мебозад.

**Салим СУЛАЙМОНЗОДА,**
**муовини прокурори назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

# МАРҲАБО, БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ!



**РАҲМОН Дилшод Сафарбек,**
***доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

**Дар партави сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар баробари дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, дар такя бо таърихи 79 - солаи худ ҳамчун боргоҳи муқаддас ва муҳими ахлоқӣ дар тарбияи насли донишманду босавод, тарбияи омӯзгорони ҷавон, соҳибфарҳанг, қавиироДаву кордон нуфузи хоса касб намуда, дар омода намудани мутахассисони рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба бозори меҳнат нақши созгор дорад.**




Ин боргоҳи илму маърифат яке аз муассисаҳои бонуфузи таълимии кишвар дар самти омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ ба ҳисоб рафта, бо роҳнамоии Вазорати маориф ва илм бахри татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, дастуру супоришҳои Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба баланд бардоштани дараҷаи касбияти омӯзгорон, хоса омӯзгорони ҷавон, такмили барномаҳои таълимӣ, тақвияти заминаҳои моддӣ-техникӣ ва зарфияти илмии муассиса, ташкили озмоишгоҳҳои замонавӣ, кашф ва парвариши насли ихтироъкор, таъмини ҳамгироии илм бо истеҳсолот, мусоидат ба саноатикунонии босуръати мамлакат, тадбирҳои омодасозии шогирдон ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ, тарғибу ташвиқи ғояҳои ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ миёни омӯзгорону донишҷӯён пайваста иқдомҳои судмандро рӯйи кор меорад.

